# Саодат ва хушбахтӣ дар чаҳор чиз аст…

## السعادة في أربعة أشياء

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]**

**Абдуссатори Ҳомид**

2009 - 1430

islamhouse.com

# السعادة في أربعة أشياء

**« باللغة الطاجيكية »**

عبد الستار حميد

2009 - 1430

islamhouse.com

# Саодат ва хушбахтӣ дар чаҳор чиз аст…

«Чаҳор чиз саодати мардум аст: зани шоиста, фарзандони хайрманд (солиҳу некукор), рафиқони хуб, рӯзӣ дар Ватан».(Ҳадиси шариф). Дини Ислом ва, пайғамбар Муҳаммад (с) ба мақоми зан дар оилаву оиладорӣ, дар тарбияи фарзандон аҳамияти бузург додаанд, пайғамбаои гиромӣ доштани ӯро ҳам фарз ва ҳам суннат донистаанд. Чунончи дар ҳадиси пайғамбар (с) оид ба эҳтироми модар ва пос доштани хотири ӯ омадааст:

«Худо чаҳор чизро ба чаҳор чиз қарор додааст: баракати илмро дар эҳтиром ба устод, бақои имонро дар бузургдошти Худо, лаззати зиндагиро дар некӣ ба падару модар, озодӣ аз ҷаҳаннамро озор надодани мардум». (Ҳадиси шариф). Касеки дар ҳангоми бомдод падару модараш аз ӯ розӣ бошанд, ду дарвоза аз биҳишт ба рӯяш боз аст ва ҳамчун ҳангоми аср. Ва ҳар фарзанде, ки бомдод ё пешин падару модар аз ӯ хашмгин бошанд, ду дарвоза аз ҷаҳанам ба рӯяш боз аст ва агар як кадом норозӣ бошад, як дарвоза»(Ҳадиси шариф). Сазои се гуноҳро дар дунё диҳанд ва ба охират наандозанд: озори падару модар, зулм ба мардум,дар муқобили хубӣ бадӣ кардан» (Ҳадиси шариф).

Худованд аз хушрафтории шумо ба занон хурсанд

мегардад, зеро ки онҳо модари шумо, духтари шумо ва холаҳои шумо ҳастанд»(Ҳадиси шариф). Дини Ислом, пайғабари он ҳазрати Муҳаммад (с) ва донишмандони дини Ислом нисбат ба зан ва ҳуқуқи ӯ дар ҷомеа низ аксарият назари некбинона ва одилона доранд.

«Талаби илм барои ҳар мусулмон ва зани мусулмон фарз аст». (Ҳадиси шариф).

«Падарон ҳангоме, ки чизе харида ба хона меоранд, аввал бояд ба духтарон бидиҳанд, зеро хотири онҳо латифу зудранҷ аст». (Ҳадиси шариф).